

# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

**Зарфияти инсонӣ, техникӣ ва моддии Маркази таълими калонсолони ВМКБ оид ба беҳтар кардани дастрасии ҷавонон ба курсҳои касбомӯзӣ тақвият дода мешавад.**

**Хоруғ, 12 маи соли 2016** - Моҳи марти соли 2015, бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо Намояндагии институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишгоҳҳои мардумии Олмон (DVV International) як лоиҳаи нави 3-соларо бо номи «Тавсеаи ваколатҳои ҷавонон оид ба рушди устувор ва тағйирот" оғоз намуд, ки он дар доираи барномаи "Ширкат дар сулҳофаринӣ"-и Иттиҳоди Аврупо амалӣ карда мешавад. Лоиҳаи мазкур аз тарафи Иттиҳоди Аврупо (80%) ва Вазорати федералии Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (20%), маблағгузорӣ мешавад. Фаъолияти лоиҳа 7 ноҳияҳои ВМКБ ва маркази он- шаҳри Хоруғро дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои Лоиҳа тақвияти  зарфияти ташкилии Маркази вилояти таълими калонсолони Бадахшон оид ба таълими касбии ҷавонон дар ҳамаи 7 шаҳру ноҳияҳо мебошад. Барои ноил шудан ба ин, лоиҳа дар илова ба такмили ҳамаҷонибаи зарфияти инсонии Марказ, тавассути тадриси ҳайати шахсии он оид ба: а) "Муайян намудани эҳтиёҷот ба омӯзиш касбӣ дар бозори маҳаллии меҳнат"; б) «Рушди захираҳои инсонӣ»; в) «Банақшагирии стратегӣ»; г) "Курсҳои таълимӣ оид ба 4 касб" ва д) Таъсиси гурӯҳи 16 нафараи мураббиён оид ба 4 адад курсҳои сайёри касбӣ, мақсад гузоштааст, ки **зарфият ва базаи моддию техникии МТК-ро тақвият бахшад.**

Ин иқдом тавассути ҳадя кардани 2 адад автомашина,  тамоми асбобу олоти кории марбут ба 4 касб ва инчунин дастурҳои таълимиву методӣ оид ба онҳо ба хотири ба роҳ мондани барномаи курсҳои касбомӯзии сайёр дар ҳамаи ноҳияҳо амалӣ карда мешавад. Илова бар ин, Лоиҳа тамоми хароҷотҳои нигаҳдорӣ ва кори воситаҳои нақлиётро дар тули фаъолияти худ ба ӯҳда мегирад.

Ба роҳ мондани барномаи сайёри курсҳои касбӣ, дастрасии ҷавонони минтақаҳои дурдастро ба таҳсилоти касбӣ беҳтар мекунад. Барнома тадриси 560 нафар ҷавононро аз 7 ноҳияи вилоят оид ба 4 касби тариқи тадқиқот ҳамчун зарурӣ муқаррааргардида ба нақша гирифтааст. Ҷавонони ин барномаро хатмкарда метавонанд ҳамчунин аз 2 бахши дигари ҳамин лоиҳа ҳам манфиат гиранд ва дар онҳо иштирок кунанд: бахши "Дастрасии ҷавонон ба барномаи грантии "Бизнеси худро шурӯъ намо", ки аз тарафи та ташкилоти ҷамъиятии маҳаллии «Мадина» (шарики Лоиҳа) амалӣ карда мешавад ва ҳамчунин барномаи омӯзиш ва грантии «Маърифати шаҳрвандӣ», ки аз тарафи ташкилоти дигари ҷамъиятии маҳаллии «Қалам» амалӣ карда мешавад.

Рӯзи 12 маи соли 2016 Лоиҳа маросими ба МТК супоридпни ресурсҳои техникӣ ва моддии дар боло зикршударо бо иштироки намояндагони ташкилотҳои маблағгузор ва ҳукумати вилоят ба нақша гирифтааст.

**Маълумоти бештарро дар суроғаи зерин дастрас кардан мумкин аст:**
Зарина Халикова, Директори дафтари намояндагии DVV International дар Тоҷикистон
Почтаи электронӣ khalikova@dvv-international.tj; Тел: (+992 37) 2240619, ё 2240620.

| | | |
|---|---|---|
| Иҷрокунандаи лоиҳа:<br>vhs DVV International<br><br>DVV International<br>Муассисаи ҳамкориҳои байналмила-лии Ассотсиатсияи таълими калонс-олони Олмон,<br>Дафтари минтақавӣ дар Тоҷикистон.<br>**Суроға:** 734003,  Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к Лоиқ Шералӣ # 3,<br>**Тел.:** (+992 37) 224 06 19, 224 06 20<br>**Сомона**: www.dvv-international.tj | Лоиҳа аз тарафи Иттиҳо-ди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.<br>**Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>734013 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,<br>к. Адҳамов, хонаи 74<br>тел:  (+992 37) 221 74 07, 227 10 24<br>Факс: (+992 37) 221 43 21<br>Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu<br>http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm | Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд. |